**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**Асрорзода У.С.________________**
**«05» 12 ________2023 сол**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дар мавзуи «Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович таҳқиқоти илмии анҷомёфтае мебошад, ки аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, яъне татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон нигаронида шуда, муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Саҳми илмии довталаб дар он дида мешавад, рисолаи анҷомдодаи ӯ барои омӯзиш ва таҳкими минбаъдаи масъалаҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон, аз ҷумла, ҳалли масъалаҳои татбиқи (имплементатсияи) меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои коркарду таҳияи тавсияҳои асоснок ҷиҳати такмили механизми таъмини ҳуқуқӣ-ҷиноятии дохилидавлатии амалисозии

меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мусоидат менамояд. Таҳқиқоти муаллиф баҳри муайян намудани аҳамият ва ҷойгоҳи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ, ҳамзамон масъалаҳои доираи татбиқи онҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, афзалияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбати муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамиятнок ҳисобида мешавад.

Андешаҳое, ки дар рисола ба таври бевосита ва (ё) бавосита оварда шудаанд, барои ташаккули донишҳои умуминазариявӣ ва ҳуқуқи ҷиноятии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон хизмат менамоянд. Арзиши амалии таҳқиқот дар он дида мешавад, ки нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои онро метавон дар таҳияву таҷдиди меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон истифода намуд.

Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот, метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои қонунгузории миллӣ, алалхусус қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Инчунин, маводҳои диссертатсия ҳангоми тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ, лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таълими ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асос хизмат карда метавонанд.

Баъзе тавсияҳои муаллиф барои рушди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калон доранд, ба монандӣ: 1) дар қисми 1, моддаи 2 КҶ ҶТ бояд вазифаҳои зерин пешбинӣ карда шаванд: «ҳифзи тамомияти арзӣ, ҳуқуқҳои шахсони ҳуқуқӣ, манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ»; 2) дар КҶ ҶТ зарур аст, ки моддаи $9^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад: «$9^1$. Принсипи манъи ғуломӣ 1) Ҳеҷ кас набояд дар ғуломӣ ё дар ҳолати маҷбурӣ нигоҳ дошта шуда, ба меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ ҷалб карда шавад. 2) Номгӯйи корҳое, ки меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ дониста намешавад, тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд»; 3) ба моддаи 15 КҶ ҶТ лозим аст, ки қисми 5) бо мазмуни зерин илова карда шуда, қисми 5) қисми 6) ҳисобида шавад: «5) Хизматчиёни ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои иҷрои вазифаҳои муайян дар ҳудуди

давлатҳои хориҷӣ қарор доранд, барои ҷиноятҳои дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ содирнамуда, мутобиқи ҳамин Кодекс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад»; 4) ба КҶ ҶТ моддаи 31[1] бо мазмуни зерин бояд илова карда шавад: «Моддаи 31[1]. Иштибоҳ дар ҳолат (факт) ва иштибоҳ дар ҳуқуқ 1) Иштибоҳ дар ҳолат (факт) асоси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан мебошад, агар он гуноҳи шахсро дар содир кардани кирдори ҷиноятӣ истисно намояд. 2) Иштибоҳ дар ҳуқуқ, яъне дар робита ба ҷиноят будан ё набудани кирдори муайян ҷавобгарии ҷиноятиро истисно намекунад. Аммо, иштибоҳ дар ҳуқуқ ҳангоми дар ҳаракатҳои шахс мавҷуд набудани гуноҳ ё ин ки бо тартиби пешбининамудаи моддаи 45 ҳамин Кодекс ҷавобгарии ҷиноятиро истисно менамояд»; 5) ба моддаи 45 КҶ ҶТ зарур дониста шудааст, ки қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад: 4) «Барои мақсадҳои ҳамин модда фармон ва амрҳо оид ба содир кардани ҷинояти генотсид ва ҷиноятҳо ба муқобили инсоният баръало ғайриқонунӣ мебошанд»; 6) пешниҳод гардидааст, ки дар қисми 2, моддаи 58 Кодекси ҷиноятӣ ҳадди ниҳоии ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ аз 25 ба 15 соли маҳрум сохтан аз озодӣ паст карда шавад. Таклифҳои пешниҳодшуда бо натиҷаҳои таҳқиқот асоснок карда шудаанд.

Бояд иброз дошт, ки рисоланавис дар ҳалли як қатор масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба мавзуи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории он метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

1. Масоили ҳуқуқи ҷиноятии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон бо сабку усулҳои хоса мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки дар натиҷа дар доираи он аз ҷониби диссертант хулосабандиҳои мушаххас манзур карда шудааст. Аз ҷумла, зикр карда шудааст, ки принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми қонунгузории ҶТ мавқеи махсусро соҳиб буда, мақоми ҳуқуқии

онҳо дар Конститутсия ва Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муқаррар шудааст. Дар ин ҳолат зарур дониста шудааст, ки мақоми ҳуқуқии принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин дар Қонуни ҶТ «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии ҶТ» мустаҳкам карда шавад. Меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи ҶТ мавқеи калидӣ ва хоссаро соҳиб буда, дар ҳамоҳангӣ бо меъёрҳои дохилидавлатӣ ба сифати омили пуриқтидори суботи ҳаёти ҷамъиятӣ хизмат намуда, манфиатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, давлат, ҷамъият ва шаҳрвандони алоҳидаро ҳифз, мустаҳкам ва ҳимоя менамоянд.

2. Самти дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст, ин хулосабарорӣ оид ба пешниҳоди мафҳум ва таснифи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Ба андешаи муаллиф принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ғояҳои асосии роҳбарикунандае мебошанд, ки асосан дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ инъикос ёфта, иҷрои онҳо аз тарафи давлатҳои онҳоро эътирофкарда ҳатмӣ мебошад. Принсипҳои ҳуқуқи байналмилалиро вобаста ба хусусияти онҳо ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: 1) принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ; 2) принсипҳои умумии ҳуқуқии байналмилалӣ; 3) принсипҳои махсуси (соҳавии) ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ.

3. Диссертант дар таҳқиқоти худ оид ба таснифоти меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ таъкид ба амал меоварад, ки меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ хусусияти диспозитивӣ ва императивӣ доранд. Меъёрҳои диспозитивии ҳуқуқи байналмилалӣ хусусияти иҷрои ихтиёрӣ дошта, бештар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии хусусияти эъломиявӣ дошта, мустаҳкам гардидаанд. Меъёрҳои императивии ҳуқуқи байналмилалӣ хусусияти иҷрои ҳатмӣ дошта, бештар дар конвенсия, паймон ва оинномаҳои судҳои ҷиноятии байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

4. Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ зикр намудааст, ки аксарияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар муқаррароти КҶ ҶТ, ки принсипи амали қонуни ҷиноятиро дар фазо муқаррар менамоянд, татбиқ шудаанд. Дар КҶ ҶТ принсипи ҳудудӣ, воқеӣ, умумӣ ва принсипи шаҳрвандӣ мустаҳкам гардидаанд. Принсипҳои амали қонун дар фазо – ин асоси

ибтидоии низоми ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, ҳаҷми юрисдиксияи (салоҳияти) ҳуқуқӣ-ҷиноятии давлати моро, ки дар ҳудуди Тоҷикистон ва берун аз он амалӣ карда мешавад, муайян мекунанд. Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки масуният аз юрисдиксияи давлати будубошро муқаррар менамоянд, хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ надоранд ва бинобар ин, зарурати дар ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ татбиқ кардани онҳо ҷой надорад. Ин меъёрҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ худиҷрошаванда мебошанд. Барои татбиқи бевоситаи онҳо истиноди дар қ. 4, м. 14 КҶ ҶТ овардашуда кифоя мебошад. Амалисозии маҷбурии юрисдиксияи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ аз тарафи ҶТ дар ҳудуди давлати хориҷӣ дар асоси принсипи амали воқеии қонуни ҷиноятӣ дар фазо, воқеан ҳам дахолат ба корҳои дохилии ин давлат мебошад. Ҳамзамон, диссертант иброз медорад, ки вале, дар робита ба он, ки принсипи амали воқеӣ содир намудани ягон амали маҷбуриро берун аз ҳудуди Тоҷикистон нисбати шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, бо мақсади ғайриқонунӣ аз соҳаи юрисдиксияи давлати хориҷӣ гирифтани онҳо дар назар надорад, пас инро мо вайронкунии соҳибихтиёрии чунин давлат гуфта наметавонем.

Дар умум, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки рисоланавис дар ҳалли масъалаҳои илмии марбут ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон муваффақ гардида, нуктаҳои илмиеро манзур намудааст, ки воқеан асоснок ва таҳкимбахшандаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дар мавзуи “Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон” дар он зоҳир мегардад, ки он аввалин таҳқиқоти комплексӣ оид ба масоили татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Дар диссертатсия таҳлили амиқи муқаррарроти қонунгузории миллӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ҷиҳати муайян кардани мавқеи меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии ҶТ, аҳаммияти меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ барои инкишофи ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ ва асосҳои назариявӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатии ҶТ ба роҳ монда шуда, доир ба самтҳои мазкур пешниҳодҳои асоснок манзур гардидааст.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии Камолов Хуршедулло Субҳонқулович манзургардида оид ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ва монанди инҳо мавриди истифода қарор дода шавад.

**Навгонии нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар хулосаҳои зерин ифода ёфтаанд:**

1. Диссертант асоснок пешниҳод мекунад, ки принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми қонунгузории ҶТ мавқеи махсусро соҳиб буда, мақоми ҳуқуқии онҳо дар Конститутсия ва Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муқаррар шудааст. Дар ин ҳолат зарур дониста мешавад, ки мақоми ҳуқуқии принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин дар Қонуни ҶТ «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии ҶТ» мустаҳкам карда шавад. Меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи ҶТ мавқеи калидӣ ва хоссаро соҳиб буда, дар ҳамоҳангӣ бо меъёрҳои дохилидавлатӣ ба сифати омили пуриқтидори суботи ҳаёти ҷамъиятӣ хизмат намуда, манфиатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, давлат, ҷамъият ва шаҳрвандони алоҳидаро ҳифз, мустаҳкам ва ҳимоя менамоянд.

2. Принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ғояҳои асосии роҳбарикунандае мебошанд, ки асосан дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ инъикос ёфта, иҷрои онҳо аз тарафи давлатҳои онҳоро эътирофкарда ҳатмӣ мебошад. Принсипҳои ҳуқуқи байналмилалиро вобаста ба хусусияти онҳо ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: 1) принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ; 2)

принсипҳои умумии ҳуқуқии байналмилалӣ; 3) принсипҳои махсуси (соҳавии) ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ.

3. Меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ хусусияти диспозитивӣ ва императивӣ дорад. Меъёрҳои диспозитивии ҳуқуқи байналмилалӣ хусусияти иҷрои ихтиёрӣ дошта, бештар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии хусусияти эъломиявӣ дошта, мустаҳкам гардидаанд. Меъёрҳои императивии ҳуқуқи байналмилалӣ хусусияти иҷрои ҳатмӣ дошта, бештар дар конвенсия, паймон ва оинномаҳои судҳои ҷиноятии байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

4. Аксарияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар муқаррароти КҶ ҶТ, ки принсипи амали қонуни ҷиноятиро дар фазо муқаррар менамоянд, татбиқ шудаанд. Дар КҶ ҶТ принсипи ҳудудӣ, воқеӣ, умумӣ ва принсипи шаҳрвандӣ мустаҳкам гардидаанд. Принсипҳои амали қонун дар фазо – ин асоси ибтидоии низоми ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, ҳаҷми юрисдиксияи (салоҳияти) ҳуқуқӣ-ҷиноятии давлати моро, ки дар ҳудуди Тоҷикистон ва берун аз он амалӣ карда мешавад, муайян мекунанд. Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки масуният аз юрисдиксияи давлати будубошро муқаррар менамоянд, хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ надоранд ва бинобар ин, зарурати дар ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ татбиқ кардани онҳо ҷой надорад. Ин меъёрҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ худиҷрошаванда мебошанд. Барои татбиқи бевоситаи онҳо истиноди дар қ. 4, м. 14 КҶ ҶТ овардашуда кифоя мебошад. Амалисозии маҷбурии юрисдиксияи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ аз тарафи ҶТ дар ҳудуди давлати хориҷӣ дар асоси принсипи амали воқеии қонуни ҷиноятӣ дар фазо, воқеан ҳам дахолат ба корҳои дохилии ин давлат мебошад. Вале, дар робита ба он, ки принсипи амали воқеӣ содир намудани ягон амали маҷбуриро берун аз ҳудуди Тоҷикистон нисбати шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, бо мақсади ғайриқонунӣ аз соҳаи юрисдиксияи давлати хориҷӣ гирифтани онҳо дар назар надорад, пас инро мо вайронкунии соҳибихтиёрии чунин давлат гуфта наметавонем.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш,

асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи маводи илмӣ ва таҷрибаи амалии кофӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст. Мундариҷаи кори илмӣ шаҳодати он аст, ки муаллиф тавонистааст, масъалаҳои вобаста ба мавзуи таҳқиқшавандаро таҳлил карда, мубрам будани онро нишон диҳад.

**Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин, дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд, чунончӣ:**

1. Ҳарчанд муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намудааст, ба мақсад мувофиқ буд, ки алоқамандии онро дар як навбат ба қисми махсуси қонунгузории ҷиноятӣ баррасӣ менамуд.

2. Бо мақсади такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ муаллиф принсипи манъи ғуломиро (саҳифаи 12 диссертатсия) пешниҳод мекунад. Ба мақсад мувофиқ буд, ки муаллиф моҳият ва мазмуни ин принсипро пурра таҳлил менамуд.

3. Дар рисолаи илмӣ ба мушоҳида мерасад, ки муаллиф баъзе категорияҳои ҳуқуқиро бо ҳамдигар омехта намудааст, ба монанди “қонуни ҷиноятӣ”, “қонунгузории ҷиноятӣ”, “меъёрҳои байналмилалӣ”, “принсипҳои байналмилалӣ” ва ғайра истифода намудааст. Лозим медонем, ки категорияҳои ҳуқуқии болозикрро муаллиф таҳлили васеъ менамуд.

Бояд қайд намуд, ки эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мутобиқати тахассуси илмии Камолов Хуршедулло Субҳонқулович барои дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои

ҷиноятӣ ҷавобгӯ буда, ҳамзамон мавзуи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқ аст. Яъне, диссертатсияи мазкур қисми нақшаи дурнамои корҳои илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар самти «Масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои солҳои 2021-2025» ба ҳисоб рафта, иҷро гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ, таҷрибаи омӯзгории ӯ, пешбарии ақидаҳо, мафҳуму таърифҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия ифода меёбад. Нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилаливу ҷумҳуриявӣ таҷассум ёфтаанд. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифро шаҳодат медиҳанд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти

дарачаи илмӣ Камолов Хуршедулло Субҳонқулович пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, заминае мегарданд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи ҷиноятӣ такмил ёбад.

Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда нақши муҳим доранд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Дар маҷмуъ, Камолов Хуршедулло Субҳонқулович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Тақризи мазкур дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи факултети гумрук ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Протоколи семинарии васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №3 аз 24 ноябри соли 2023.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯи ихтисоси 12.00.08),

дотсенти кафедраи ҳуқуқи факултети гумрук ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра аз 7 нафар иштирок доштанд: 7 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 7, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Протоколи ғайринавбатии кафедра таҳти №4/1 аз 24 ноябри соли 2023.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири
кафедраи ҳуқуқи факултети гумрук ва
ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Нодиров Ф.М.

Ташхисгар, дотсенти кафедраи ҳуқуқи
факултети гумрук ва ҳуқуқи иқтисодии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон — Миралиев С.А.

Котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи ҳуқуқи
факултети гумрук ва ҳуқуқи иқтисодии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон — Сафаров И.Д.

Имзои Нодиров Ф.М., Миралиев С.А. ва
Сафаров И.Д.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон — Ҷураев Ш.Н.

**Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5**
**Тел.: +992 (37) 234-88-24, Факс. +992 (37) 234-88-02, Email: dsx_ips @mail.ru**
**www.iutet.tj**